# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ дар мавзуи «Шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар Шоҳроҳи абрешим», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ).**

Болооби водии Зарафшон яке аз водиҳои куҳанбунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дорои таърихи тулонӣ ва мероси ғании моддию маънавӣ мебошад. Дар ҳудуди он ёдгориҳои бостоншиносӣ, таърихӣ ва меъмории зиёде ба қайд гирифта шудаанд, ки омӯзиш ва таҳлили илмии онҳо барои дарки равандҳои ташаккул ва рушди ҷомеа дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ аҳаммияти хосса дорад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин мерос имкон фароҳам меорад, ки масъалаҳои марбут ба маскуният, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, шаҳрсозӣ ва муносибатҳои фарҳангии минтақа дар заминаи далелҳои муътамади бостоншиносӣ баррасӣ ва хулосабарорӣ гарданд.

Дар давраи шуравӣ ва солҳои истиқлол вобаста ба таърихи омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносӣ ва меъмории болооби водии Зарафшон ва аҳаммияти онҳо дар Роҳи бузурги абрешим як қатор мақолаҳо ва асарҳои илмӣ ба нашр расидаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаи таҳқиқи маҷмуии ёдгориҳои бостоншиносӣ ва меъмории болооби водии Зарафшон дар масири Роҳи бузурги абрешим ва ворид гардидани онҳо ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО то имрӯз дар сатҳи як диссертатсияи мукаммали доктори фалсафа (PhD) мавриди баррасии фарогир қарор нагирифта буд. Аз ин рӯ, интихоби мавзуи мазкур аз ҷониби диссертант асоснок ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ арзёбӣ мегардад.

Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ диссертатсияи худро мутобиқ ба нақшаи инфиродӣ, ки дар шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии

илмҳои Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, таҳия намуда, онро ба анҷом расонидааст. Кори анҷомёфта ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда оид ба таҳияи диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD) ҷавобгӯ буда, аз сатҳи баланди омодагии назариявӣ ва таҷрибавии муаллиф шаҳодат медиҳад.

Дар ҷараёни таҳқиқ диссертант бо истифода аз адабиёти илмӣ, маводи нашрияҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроии бостоншиносӣ масъалаҳои марбут ба ёдгориҳои бостоншиносӣ ва меъмории болооби водии Зарафшон дар Роҳи бузурги абрешимро мустақилона, дар заминаи методологияи муосири илмӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Сохтор ва таркиббандии кор ба талаботи корҳои илмии дараҷаи доктори фалсафа (PhD) пурра мутобиқат мекунад.

Мақсади асосии таҳқиқот таҳлили ҳамаҷониба ва бонизоми маълумот оид ба ёдгориҳои болооби водии Зарафшон махсусан шаҳру шаҳракҳо дар Роҳи бузурги абрешим мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф диссертант вазифаҳои мушаххас, аз ҷумла таҳлили таърихи омӯзиши масъала, муайян намудани хусусиятҳои хронологӣ ва типологии ёдгориҳо, баррасии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водӣ дар заминаи маводди бостоншиносиро пеш гузоштааст. Дар натиҷаи таҳлилу баррасии маводди мавҷуда ва истифодаи хулосаҳои нави илмӣ, фикру ақидаҳои нав пешниҳод карда шудааст.

Объекти таҳқиқот шаҳракҳою шаҳрҳои болооби водии Зарафшон буда, мавзуи таҳқиқот омӯзиши ёдгориҳои болооби водии Зарафшон, аз ҷумла шаҳраку шаҳрҳо, ки дар масири Роҳи бузурги абрешим ҷойгир шудаанд мебошад. Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот фарогир буда, маводди бостоншиносӣ, адабиёти илмӣ, диссертатсияву автореферат ва нашрияҳои илмӣ истифода шудаанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал таҳқиқоти маҷмуӣ ва системавии ёдгориҳои бостоншиносӣ ва меъмории

болооби водии Зарафшон дар Роҳи бузурги абрешим дар доираи як кори диссертатсионӣ анҷом дода шудааст. Диссертант бо такя ба маводди саҳроӣ ва таҳлили муқоисавӣ ҷойгоҳи ин ёдгориҳоро дар низоми фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст. Дар баробари ин, баъзе хулосаҳои қаблии илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, пешниҳодҳои нави илмӣ ироа шудаанд.

Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот дар муайян намудани масъалагузорӣ, таҳияи заминаи назариявӣ ва методологӣ, коркарди маводди саҳроӣ, таҳлилу ҷамъбасти натиҷаҳо ва таҳияи хулосаҳои илмӣ инъикос меёбад. Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дорои навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявӣ мебошанд.

Сохтори диссертатсия мутобиқ ба меъёрҳои амалкунанда буда, аз муқаддима, феҳристи ихтисораҳо, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳо, объекти таҳқиқ бо асоснокии илмӣ баён гардидаанд. Бобҳои асосии диссертатсия бо пайдарҳамии мантиқӣ ва риояи принсипи хронологӣ таҳия шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **«Таҷрибаи ватании омода намудани номинатсияи долонҳои мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим»** номгузорӣ гардида, аз чаҳор зербоб иборат буда, ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии масъала бахшида шудааст. Дар боб таърихи ташаккул ва марҳилаҳои рушди Роҳи бузурги абрешим, даврабандии таърихии он, инчунин таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ оид ба таҳия, пешниҳод ва идоракунии номинаҳои мероси фарҳангии ҷаҳонӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бори аввал таҷрибаи ватании омода намудани номинаи долонҳои мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешимро ба таври муназзам ҷамъбаст намуда, зарурати татбиқи равиши илмӣ, марҳилавӣ ва

ҳамгироро дар раванди таҳияи номинаҳо асоснок кардааст. Дар боби якуми диссертатсия оиди омода намудани долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд (аз соли 2019 номаш ба долони Зарафшон – Қароқум иваз карда шуд) ва ворид гардидани он ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО маълумоти муфассали илмӣ дода шудааст. Натиҷаҳои бадастомада барои такмили асосҳои илмӣ ва амалии ҳифз, идоракунӣ ва пешниҳоди минбаъдаи мероси фарҳангии болооби водии Зарафшон ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Боби дуюми диссертатсия – **«Мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим дар болооби водии Зарафшон»** ном дошта, аз ду зербоб иборат буда, дар он оиди ёдгориҳои бостоншиносӣ ва меъмории болооби водии Зарафшон аз ҷумла, шаҳру шаҳракҳо маълумот дода шудааст. Муаллиф бо такя ба маводди бостоншиносӣ ва адабиётҳои нишон додааст, ки рушди Роҳи бузурги абрешим аз масканҳои хурди кӯҳистонӣ оғоз ёфта, тадриҷан бо ташаккули зерсохтори хизматрасонӣ ва тиҷоратӣ, аз ҷумла истеҳкомҳои мудофиавӣ, иншооти назоратӣ, корвонсаройҳо, анборҳо, шабакаҳои обтаъминкунӣ ва дигар унсурҳои инфрасохторӣ такмил ёфтааст. Маҳз дар ин боб муаллиф роҷеъ ба шаҳракҳои болооби водии Зарафшон, гурӯҳбандии онҳо ва аҳаммияти онҳо дар Роҳи бузурги абрешим маълумот додааст. Таҳлилҳои анҷомдода имкон медиҳанд, ки нақши ёдгориҳои болооби водии Зарафшон ҳамчун ҷузъи таркибии долони таърихии Роҳи бузурги абрешим аз нигоҳи илмӣ асоснок гардида, ҷойгоҳи онҳо дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақа муайян карда шавад.

Боби сеюми диссертатсия – **«Шаҳрсозӣ дар масири Роҳи бузурги абрешим ва усулҳои намоиши мероси таърихию фарҳангӣ»** номгузорӣ гардида, аз се зербоб таркиб ёфта ба таҳлили хусусиятҳои шаҳрсозӣ, хусусиятҳои ҷойгиршавии ёдгориҳои бостоншиносӣ ва таҳияи усулҳои илмии ҳифз ва намоиши мероси таърихию фарҳангии болооби водии

Зарафшон бахшида шудааст. Дар асоси таҳқиқоти анҷомдода муаллиф нишон додааст, ки сохтори шаҳрсозӣ, ҷойгиршавии ёдгориҳо дар шабакаи роҳҳои тиҷоратӣ ва хусусиятҳои меъмории онҳо аз сатҳи баланди рушди тамаддуни Суғди қадим, банақшагирии оқилонаи муҳити шаҳрӣ ва идоракунии муназзами фаъолияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳанд. Ҳамзамон, дар боб принсипҳо ва усулҳои муосири ҳифз, муаррифӣ ва намоиши мероси бостоншиносӣ дар асоси таҷрибаи ватанӣ ва байналмилалӣ таҳлил гардида, роҳҳои татбиқи онҳо барои ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳангӣ, рушди сайёҳии таърихӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи мероси бостоншиносии болооби водии Зарафшон пешниҳод шудаанд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, тақвияти минбаъдаи таҳлили муқоисавӣ бо маводди ёдгориҳои ҳамзамони дигар минтақаҳои Тоҷикистон ҳамчунин, Осиёи Марказӣ метавонад натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам ғанӣ гардонад. Аммо ин мулоҳизаҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи «Шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар Шоҳроҳи абрешим» таҳқиқоти мустақили илмӣ буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои он метавонанд дар таҳияи барномаҳои ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ, таълими фанҳои таърих ва бостоншиносӣ, инчунин дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ истифода бурда шаванд.

Бо назардошти муҳтавои илмӣ, сатҳи таҳлил, навгонии пешниҳодшуда ва аҳаммияти натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои онро дуруст ва фишурда инъикос менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, диссертатсияи Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ дар мавзуи «Шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар Шоҳроҳи абрешим» кори мантиқан ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, ба ҳимояи кушод тавсия карда мешавад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) дониста мешавад.

**Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих,**
**ходими пешбари илмии шуъаи бостоншиносии**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи А. Дониши**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** Каримова Галина Раҳимовна

*Имзои н.и.т. Каримова Г.Р.-ро тасдиқ менамоям:*

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи А. Дониши**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** Файзуллоева Г.Қ.

«05» 06 соли 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Хиёбони Рӯдакӣ 33, тел.: (+ 992 (37) 221-37-42
e-mail: karimovagalina2501@gmail.com